“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филология, профессор
Гулназарзода Ж. Б.
______________________
«6» майи 2023 с.

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсияи номзадии Турсунова Мунаввара Аъзамовна “Таҳқиқи лингвистии топонимияи воҳаи Сурхон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.**

Диссертатсияи Турсунова Мунаввара Аъзамовна дар мавзуи “Таҳқиқи лингвистии топонимияи воҳаи Сурхон” дар доираи шиносномаи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ навишта шуда, ба он мутобиқат менамояд.

Мавриди баррасиву таҳқиқ қарор гирифтани ҷойномҳои ин ё он мавзеи таърихӣ аҳаммияти назариву амалӣ доранд ва баъзе масъалаҳои муҳимми таърихӣ, вижагиҳои луғавӣ ва дастурии ин ё он забон тавассути омӯзиши онҳо дақиқ мегарданд.

Бузургтарин сарчашмаҳои асримиёнагии тоҷик “Форснома”-и Ибни Балхӣ, “Сафарнома”-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ, “Таърихи Табарӣ”-и Балъамӣ, “Таърихи Бухорӣ”-и Наршахӣ, таълифоти сафарномаҳои Алии Ҳамадонӣ, Сайид Ашрафи Ҷаҳонгард (Ҷаҳонгир) ва ғайра махсуб мeёбанд, вале бо вуҷуди ин масъалаи маъной, пайдоиш, густариш ва мансубияти забонию хусусиятҳои сохтории воҳаи Сурхон то имрӯз ҳамчун кори диссертатсионии алоҳида ба вуҷуд наомадааст.

Топонимика ҳамчун шохаи илми алоҳидаи ономастика дар нимаи асри XX ба миён омадааст. Дар баробари асарҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ ва адабӣ луғату фарҳангҳо низ чун манбаи маълумотгирӣ барои омӯзиши ҷойномҳо хизмат мекунанд.

Дар диссертатсия қайд мегардад, ки корҳои дар соҳаи топонимика ба анҷомрасида аслан ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд, ки давраи сеюм дар навбати худ ба ду давра ҷудо мешаванд ва ин ҳам асарҳои муаррихону номшиносон ва тоҷикшиносони хориҷӣ дар бораи Осиёи Марказӣ ва асарҳои донишмандони тоҷик, ки аз давраи шуравӣ то ин дам ба соҳаи топонимикаи тоҷик таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд, мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Дар диссертатсияи илмӣ сохтори умумии кор, мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои асосии масоили мавриди таҳқиқ, мавзуъ,

масъалаҳо ва соҳаи таҳқиқот, навгониҳои таҳқиқ ва аҳаммияти назарию амалии он, инчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаю натиҷагириҳои муаллиф саҳм ва нуқтаи назари ӯро нисбат ба мавзуи таҳқиқ инъикос мекунад. Саҳми фардии муаллиф дар он аст, ки доир ба ин мавзуъ бори нахуст рисолаи илмии диссертатсионӣ ба анҷом расонида, мақоми гирдовардашудаи топонимиро аз нигоҳи сохтор, маъно ва мансубияти забонию решашиносӣ матраҳ карда, топонимҳои воҳаи Сурхонро муайян намудааст. Муаллиф дар таҳқиқи мавзуъ равиши таҳқиқии мушоҳида, муқоиса, ҳамзамониву дерзамонӣ, оморӣ, таҳлили луғавию маъноӣ ва сохториро ба кор мебарад ва тавассути ин равишҳои таҳқиқ ҷойномҳои сарзамини Сурхон то қадри имкон аз даврони қадим то кунун мавриди баррасиву таҳқиқ қарор гирифта, таҳаввулу тағйироти шакли онҳоро нишон додааст, инчунин то ба кадом поя ҷойномҳои мавзеи номбурда ба дигаргунии сифативу миқдорӣ дучор шудаанд, муайян намудааст.

Дар қисмати дараҷаи омӯзиш муҳаққиқ аввалан номи он донишмандонеро меорад, ки бевосита дар баррасиву омӯзиши топонимҳои воҳаи Сурхон саҳм гузоштаанд, аз қабили В.В.Бартолд, Э.М.Мурзаев, Розенфелд ва дигарон ёдовар шуда, баъдан онҳоеро хотиррасон менамояд, ки таваҷҷуҳи худро ба ҳудуди саргаҳи Зарафшон, мавзеи Бадахшон, минтақаи Рашт, Ванҷу Дарвоз, Ҳисор, Кешрӯд, ҷойномҳои субстратии Варзоб, Деваштич ва шаҳри Панҷакент равона намудаанд.

Диссертант қайд менамояд, ки дар осори таърихиву бадеӣ масъалаи ономастика дарҷ шудааст ва муҳаққиқон ба ин паҳлуи илми забоншиносӣ низ таваҷҷуҳ намудаанд. Ба ин гурӯҳ муаллифи диссертатсия номи забоншиносони ватанӣ С.Абодуллоева, Р.Шоев, Д.Майнусов, Ҷ.Темуров, Э.Давлатов, Р.Холназаров ва бурунмарзӣ Ш.Қодиров, Т.Раҳматов, С.Ш.Камолиддинов, Т.Нафасов, Р.Буриев, Р.Х. Бобоҳоҷаев, С.Атаниёзов, С.Губаева ва Е.Койчубаевро ёдовар шудааст.

Диссертант мавриди таҳқиқи масъалаи ҷойномҳои воҳаи Сурхон ба назарияҳои илмии як қатор олимону донишмандони ватаниву хориҷии соҳаи топонимика, чун С.Айнӣ, А.М.Мирзоев, Н.Маъсумӣ, Д.Т.Тоҷиев, Р.Х.Додихудоев, Р.Ғаффоров, М.Н.Қосимова, Ғ.Ҷӯраев, Б.Камолиддинов, Ҳ.Маҷидов, Д.Саймуддинов, Д.Хоҷаев, С.Назарзода, Ш.Исмоилов, Н.Офаридаев, Ҷ.Алимӣ, М.Султонов, О.Муҳаммадҷонзода, С.Сулаймонӣ, Д.ҳомидов, Б.Тураев (Тоҷикистон), В.В.Бартолд, А.С.Андреев, Э.М.Мурзаев, В.В.Виноградов, О.С.Ахманова, Г.О. Винокур, Н.М.Шанский, Е.М.Галкин-Федорчук, Д.Н.Шмелев, О.Б.Сиротина, А.Л.хромов, А.з.Розенфелд (Русия), Ризо Ашрафзода, Тақӣ Ваҳидиёни Комёр (Ҷумҳурии исломии Эрон), Н.Қораев, Т.Нафасов (Узбекистон, С.Атаниёзов (Туркманистон), М.С.Кӯйчибаев (Қазоқистон) такя намудааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Турсунова Мунаввара дар доираи мавзуи мавриди таҳқиқ якчанд мақолаҳои илмиро таҳия намуда ба нашр расондааст, ки дар оянда аз он муҳаққиқони дигар метавонанд истифода намоянд.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Дар диссертатсия бори аввал ҷойномҳои воҳаи Сурхон аз нигоҳи маънои луғавӣ, бромаду мансубияти забонӣ, шаклгирӣ, таҳаввулот, дигаргуниву тағйироти сохторӣ, таҳлили топоформантӣ ва тобишҳои маъноӣ бори аввал дар забоншиносӣ мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Инчунин, ҳангоми баррасиву таҳқиқ гунанокии баъзе ҷойномҳо бо усули таърихӣ баррасӣ гардида, сайри таърихиашон нишон дода шудааст. Хусусиятҳои таърихии ҷойномҳо ба таври амалӣ бозгӯйӣ шудааст.

**Аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқ**ро дар он мушоҳида кардан мумкин аст, ки ба воситаи таҳқиқи ҷиҳатҳои луғавии ҷойномҳои воҳа доир ба якчанд вижагиҳои луғавӣ ва услубии забони адабии тоҷикӣ, махсусан, доир ба қабатҳои луғавии марбут ба ҷойномҳои забони тоҷикӣ баёни андеша карда, натиҷаҳои илмии бадастовардаро барои таълифи китобҳои дарсии таърихи забони тоҷикӣ, номшиносӣ ва ҷуғрофияи таърихию муосири ин сарзамин мавриди корбурд қарор додан мумкин аст. Маводи топонимии минтақаро дар таҳияи фарҳангу луғатномаҳои топонимии забони тоҷикӣ истифода кардан мувофиқи матлаб хоҳад буд. Моҳияти амалии таҳқиқ дар он аст, ки маводи диссертатсияро дар машғулиятҳои назариявӣ, дар курсу семинарҳои махсус аз таърихи забони тоҷикӣ, номшиносӣ, лаҳҷашиносӣ, шевашиносии таърихӣ, мардумшиносӣ, бостоншиносӣ, таърихи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар факултетҳои филологӣ, забонҳои Аврупо ва Осиё, таърих, ҳуқуқ ва дигар бахшҳои илмҳои ҷамъиятшиносӣ мавриди истифода қарор дода, вожагони хоссаи номшиносиро дар луғатномаҳои соҳавӣ, хусусан, фарҳанги топонимӣ истифода бурдан ба матлаб мувофиқ аст.

Диссертатсия, ки ҳаҷми он аз 190 саҳифаи чопи стандартии компютерӣ иборат аст, муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиётро дар бар мегирад. Дар охири диссертатсия замима дар ҳаҷми 7 саҳифа оварда шудааст, ки "Луғати мухтасари ҷойномҳои ҷуғрофии воҳа"-ро дар бар мегирад.

Боби якуми диссертатсия "Мавқеи ҷуғрофӣ ва маълумоти мухтасари таърихии минтақа" ном дошта, дар он аз таърихи қадима доштани воҳаи Сурхон сухан рафтааст. Муаллиф зимни омӯзиши мавзуъ бо асарҳои таърихию ҷуғрофӣ сарукор дошта, чунин маълумотро дар ин боб меорад, ки воҳаи Сурхон чун таркиби ҷудонашавандаи воҳаи Ҳисор аз замонҳои хеле қадим бо номҳои Чағониён, Чағонрӯд ва дар навишти арабӣ Сағониён ёд шуда, ҳоло унвони вилояти Сурхондарёро дорад. Водии Ҳисор, ки воҳаи Сурхондарё низ дар таркиби ин водӣ шомил буд, дар осори чинӣ бо унвони "Суман" ва дар маъхазҳои арабиву тоҷикӣ "Шумон" зикр шудааст.

Дар фасли аввали боб "Баррасии номвожаҳои ҷуғрофии воҳа дар осори илмӣ" воҳаи Сурхон чун ҷузъи водии Ҳисор номида шудааст ва муаллиф оид ба ин андеша суханони сарвари кишвар Эмомалӣ Раҳмонро чун иқтибос овардааст. Ҳамчунин зикр мегардад, ки дар ин сарзамин 150 шаҳраку шаҳр бунёд гардидааст. Пас аз овардани маводи муътамаде оид ба воҳаи Сурхон дар асарҳои ҷуғрофӣ, муаллиф дар фасли дуюм "Баррасии ҷойномҳои ҷуғрофии воҳа дар асарҳои адабӣ-бадеӣ" оид ба ҷойномҳое сухан меронад, ки дар асарҳои адабӣ-бадеӣ ёдовар шуда ба воҳаи Сурхон дохил мешаванд. Пеш аз ҳама дар ин фасл сухан аз он рафтааст, ки дар ин воҳа шумораи зиёди

симоҳои адабӣ, фузалову удабо, шайху авлиё ва дигарҳо ҳаёт ба сар бурдаанд. Баъдан диссертант диққати хешро ба асарҳои таълифнамудаи онҳо равона намудааст. Муаллиф дар фасли сеюми боб таҳти унвони "Баррасии ҷойномҳои воҳаи Сурхон дар фарҳангномаҳо" оид ба як қатор ҷойномҳое, ки аз ин ё он фарҳангнома ба даст оварда шудааст, ёдовар мешавад. Диссертант зимни пажуҳиш маълумоти бештареро аз "Ғиёс-ул-луғот"-и Муҳаммад Ғиёсуддин ва "Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик"-и устод Садриддин Айнӣ дастрас намудааст. Хулосаи боби аввал дар 4 банд тарҳрезӣ шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия "Баррасии вижагиҳои луғавии ҷойномҳои воҳа" аз ду фасл иборат мебошад, ки фасли аввали он аз 7 зерфасл ва фасли дуюм аз 4 зерфасл иборат аст. Дар фасли аввали боби мазкур, ки ба қабатҳои луғавии ҷойномҳои воҳа бахшида шудааст, масъалаи ойконимҳо, гидронимҳо, оронимҳо, этнотопонимҳо, антротопонимҳо, фитотопонимҳо, зоотопонимҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки ба воҳаи Сурхон дохил мешаванд.

Дар фасли дуюми боби мазкур таваҷҷуҳи диссертант ба ҷиҳати этимологии топонимҳои ин мавзеъ равона шудааст. Мувофиқи маълумоти ҷамъоварда маълум гардид, ки ҷойномҳои ин минтақа аз ҷиҳати баромад ба забонҳои тоҷикӣ, арабӣ ва туркӣ-муғулӣ мансубанд. Инчунин дар зерфасли чорум топонимҳои аз рӯйи баромади забонӣ омехта ҷой дода шудаанд.

Ҳамин тариқ, дар боби дигари диссертатсия Турсунова Мунаввара ҷойномҳои воҳаи Сурхонро аз рӯйи сохт гурӯҳбандӣ намудааст. Боби мазкур аз як бобу чор фасл иборат аст, ки ин фаслҳо топонимҳои сода, топонимҳои сохта, топонимҳои мураккаб ва ибора-ҷойномҳои воҳаро баррасӣ менамоянд. Бо вуҷуди ба забонҳои гуногун мансуб буданашон ҷойномҳои ин минтақа бештар ба забони тоҷикӣ мансубанд, ки мисолҳои фаровон аз он дарак медиҳанд. Дар ин қисмат қайд мегардад, ки баъзе воҳидҳои топонимӣ ба забони суғдӣ мансуб будаанд.

Хулосаи таҳқиқи ба анҷомрасида натиҷаҳои назаррас доранд ва аз ҷониби муаллиф онҳоро дар 14 банд зикр гардидаанд. Дар диссертатсия рӯйхати адабиёт оварда шудааст, ки онро муаллиф вобаста ба мансубияташон ба забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ ҷудо намудааст.

Топонимҳое, ки диссертант зимни пажуҳиш ҷамъоварӣ намудааст, дар фароварди кор дар шакли замима ҷой дода шудаанд ва теъдоди онҳо ба 195 адад расидааст.

Диссертатсияи Турсунова Мунаввара Аъзамовна ба масъалаи топонимҳо бахшида шуда, диссертант воҳаи Сурхон ва топонимҳои онро ба таври мушаххас таҳлилу баррасӣ намудааст. Дар раванди таҳқиқу таҳлил муаллиф ба сарчашмаҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ, адабӣ ва фарҳангномаҳо рӯ оварда, тавонистааст мавзуи баҳси илмии ҷолиберо фароҳам орад. Маводи диссертатсия аҳаммияти назариявиву амалӣ дошта, дар шохаи топонимикаи тоҷик маводи арзандаро илова менамояд. Бо вуҷуди ин, дар таҳия ва омодасозии диссертатсия баъзе норасоиҳоро мушоҳида намудем, ки бартараф кардани онҳо аз ҷониби муаллиф ба фоидаи кор хоҳад буд:

1. Дар муқаддимаи кор баъзе пунктҳо, аз ҷумла заминаи эмперикии таҳқиқ ва фарзияҳои таҳқиқ ҷой дода нашудаанд.
2. Муаллиф дар саҳифаҳои 86-87 номҳои деҳаҳои дар марзи воҳаи Сурхоббударо овардааст, аммо зикр накардааст, ки деҳаҳои ба номи Баттош, Барлос дар ҷамоати қишлоқи Қаратоғи ноҳияи Турсунзода арзи вкҷуд дошта, дар ин мавзеъ деҳаи дигар бо номи Олтинжилав низ мавҷуд аст, ки бо номи Олтинсойи воҳаи Сурхон дар ҷузъи "олтин" шабоҳат дорад.
3. Ҳамгунии истилоҳот бояд риоя гардад, зеро саҳифаҳои 10-11 истилоҳи "анҷомаҳо" ба кор меравад, ки дар таҳлилҳои минбаъда ин воҳидҳои забонӣ "формант" ном гирифтаанд.
4. Дар қисмати сарчашмаҳои таҳқиқ диссертант қайд менамояд, ки аз асарҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ, саёҳатномаву сафарномаҳо, осори адабию бадеӣ ва луғатномаҳо дар рисола истифода шудааст, аммо фақат луғатномаҳо ва фарҳангҳо номбар шудаанд.
5. Хуб мешуд, ки диссертант дар яке аз бандҳои хулоса қайд менамуд, ки дар миёни топонимҳои воҳаи Сурхон, ки дар ҳудуди ҷумҳурии Узбекистон қарор дорад, номҳоеро пайдо намудем, ки дар манотиқи гуногуни ҷумҳурии Тоҷикистон аз қабили Ҳисор, Варзоб, Кӯлоб низ дида мешаванд.
6. Дар диссертатсия ҷо-ҷо ба ғалатҳои имлоӣ, китобат ва услубӣ роҳ дода шудааст: саҳифаҳои 10, 12,.16 ва 88.
7. Хуб мешуд, ки мисолҳои овардаи диссертант (саҳ. 93 ва ғ.) дар ҳама ҳолат бо ранги равшан ё шрифти курсив ишора шуда, аз матни маъмулии диссертатсия ҷудо шуда меистоданд.

Ғалатҳои зикргардида арзиши аслии диссертатсияро кам намесозанд. Диссертатсияи Турсунова Мунаввара Аъзамовна "Таҳқиқи лингвистии топонимияи воҳаи Сурхон" кори илмии анҷомёфта буда, вазифаҳои муайянгардида дар он ҳалли худро ёфтаанд.

Автореферат ва мақолаҳои нашршуда мазмуну мундариҷаи асосии онро инъикос мекунанд. Диссертатсия бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва арзиши назариву амалиаш ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ мувофиқ буда, муҳаққиқи он – Турсунова Мунаввара Аъзамовна "Таҳқиқи лингвистии топонимияи воҳаи Сурхон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Турсунова Мунаввара Аъзамовна "Таҳқиқи лингвистии топонимияи воҳаи Сурхон" таҳқиқоти пурра баанҷомрасида буда, ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ) сазовор мебошад. Турсунова Мунаввара Аъзамовна "Таҳқиқи лингвистии топонимияи воҳаи Сурхон"

Тақриз дар ҷаласаи васеи кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 4 майи соли 2023, суратҷаласаи №9/1 муҳокима ва тасдиқ гардид.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок дошт: 16 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор"–16 нафар, "зид"–нест, "бетараф"– нест.

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи забони тоҷикии ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода, номзади илми филология, дотсент: Усмонова Мунаввара Холиқовна

**Ташхисгар:**
номзади илми филологияи кафедраи забони тоҷикии ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна

**Котиби илмии ҷаласа:** Давлатов Ифтихор Асрорович

Имзоҳои н.и.ф., дотсент М.Х.Усмонова, н.и.ф., дотсент Г.З. Абдуллоева ва ассистент И.А.Давлатовро **тасдиқ менамоям.**

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

5.05.2023

Нишонӣ: 734019, ш.Душанбе,
кӯчаи Муҳаммадиев 17/6
Тел.: +992 37 232 50 00
Факс: +992372325000
Сомона: www.ddzt.tj.